СОЛИ 2023 – «СОЛИ ЭЪТИБОР БА ИНСОН ВА ТАЪЛИМИ БОСИФАТ»

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷикӣ» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

1 январи соли 2023 Якшанбе

№ 1 (14909)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# МУБОРАКБОДИИ СОЛИНАВӢ БА ХАЛҚИ ЎЗБЕКИСТОН



*Ҳамватанони азиз!*

*Тамоми мардуми сермиллати Ўзбекистонро бо фарорасии Соли нав самимона ва аз таҳти дил муборакбод менамоям.*

*Ба ҳамаи шумо эҳтироми амиқ ва орзуву омолҳои беҳтарини худро изҳор менамоям.*

*Соли 2022 мо бо меҳнати муттасил ва хастанопазир дар роҳи рушд ба комёбиҳои назаррас ноил гардидем. Бобати таъмин сохтани манфиатҳои инсон, шаъну шарафи ӯ қадамҳои муҳим гузоштем.*

*Бо вуҷуди буҳрони ҷаҳонӣ ва вазъи мураккаб дар олам иқтисодиёти Ўзбекистон муттасил инкишоф меёбад.*

*Деҳқон ва фермерони моҳири мо бо меҳнати фидокорона ҳосили фаровон рӯёниданд.*

*Саноат, сохтмон, соҳаи технологияҳои рақамӣ ва сайёҳӣ бо суръатҳои тез инкишоф меёбанд.*

*Шаҳрҳо ва деҳот, тамоми мамлакати мо дигаргун мешаванд.*

*Ҷойҳои нави корӣ фароҳам меоянд, даромад меафзояд, сатҳи зиндагии аҳолӣ баланд мегардад.*

*Ҷавонони соҳибистеъдоди мо шуҳрати Ватанро дар арсаи байналхалқӣ дучандон мекунанд.*

*Нақш ва моҳияти идораи маҳалла дар ҷомеа пурзӯр мегардад.*

*Аз ҳама муҳимаш, дар мамлакати мо сулҳу салоҳ, ҳамҷиҳатӣ ва кушодадилии байнимиллӣ ҳукмрон аст.*

*Нуфузи Ўзбекистон дар ҷомеаи ҷаҳон баланд мегардад.*

*Дар ин шоми идона мехостам бори дигар ба шумо, ҳамватанонии азиз, тамоми халқи мо барои комёбиҳои бадастомада миннатдорӣ изҳор намоям.*

*Дӯстони муҳтарам!*

*Мо соли 2023-юмро дар мамлакат **Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат** эълон кардем.*

*Дар соли нав мо корҳоро бобати таъмин сохтани ҳуқуқ ва озодӣ, манфиатҳои қонунии шаҳрвандон беҳтару бештар менамоем.*

*Мо барои он, ки фарзандонамон таълиму тарбияи хушсифат бигиранд, аз ҳар ҷиҳат ҳамчун шахсиятҳои комил ба воя расанд, тамоми шароитҳоро фароҳам меоварем.*

*Эътибори ҳамаҷониба нисбати собиқадорони муҳтарам, занон, ҳамчунин онҳое, ки ба кумак эҳтиёҷманд ҳастанд, дар маркази диққати мо қарор хоҳад дошт.*

*Дастгирии намояндагони илму фарҳанг, тиб, омӯзгорон ва мураббиён барои мо афзалияти муҳим хоҳад дошт.*

*Умуман, дар кишвари мо ягон кас аз эътибору ғамхории ҷамъият ва давлат дар канор нахоҳад монд. Мо барои ин тамоми нирӯ ва имкониятҳои худро сафарбар хоҳем кард.*

*Ҳамватанони азиз!*

*Дар ин лаҳзаҳои зебо бори дигар ҳамаи шумо, тамоми халқамонро бо Соли нави 2023-юм бори дигар самимона муборакбод менамоям.*

*Бигузор Соли нав ба ҳар як оила сиҳҳату саломатӣ, бахту саодат ва фаровонӣ оварад!*

*Бигузор Ўзбекистони азизу маҳбуби мо шукуфон бошад!*

*Соли наватон муборак, азизони ман!*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ,***
***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон***

# МУБОРАКБОДИҲОИ САМИМОНА БА ХАЛҚ ВА ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН

***Бинобар фаро расидани соли 2023 ба номи Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев табрикоти самимӣ аз номи роҳбарони давлатҳо, ҳукуматҳо ва парлумонҳои хориҷӣ, роҳбарони ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ ва минтақавӣ, арбобони бонуфузи давлатӣ ва ҷамъиятӣ мерасанд.***

Дар паёмҳо дастгирии ҳамаҷонибаи барномаи ислоҳот оид ба сохтмони Ўзбекистони Нав, ки зери роҳбарии пешвои мамлакатамон татбиқ мегардад, ифода гардида, инчунин натиҷабахшии сиёсати ҷории шаффоф ва прогматикии хориҷӣ қайд мегардад.

Таманноҳои самимӣ барои муваффақиятҳои нав ва фароҳмандӣ, сулҳ ва шукуфоии мардуми гуногунмиллати Ўзбекистон ифода мегарданд.

**Аз он ҷумла инҳо табрикоти худро иброз намудаанд:**

Президенти Федератсияи Русия **Владимир Путин**;
Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин **Си Сзинпин**;
Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон **Қосим-Ҷомарт Тоқаев**;
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Эмомалӣ Раҳмон**;
Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон **Садир Ҷапаров**;
Президенти Туркманистон **Сердар Бердимуҳамедов**;
Раиси Халқ Маслиҳати Милли Кенгеши Туркманистон **Гурбангулӣ Бердимуҳамедов**;
Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон **Илҳом Алиев**;
Президенти Ҷумҳурии Белорус **Александр Лукашенко**;
Сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон **Нарендра Модӣ**;
Президенти Ҷумҳурии Мисри Араб **Абдулфаттоҳ ас-Сисӣ**;
Президенти Ҷумҳурии Куриё **Юн Сок Ёл**;
Президенти Ҷумҳурии Федеративии Олмон **Франк-Валтер Штайнмайер**;
Сарвазири Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ **Риши Сунак**;
Президенти Ҷумҳурии Италия **Серҷо Маттарелла**;
Президенти Ҷумҳурии Полша **Анджей Дуда**;
Президенти Ҷумҳурии Латвия **Эгилс Лейвитс**;
Президенти Ҷумҳурии Сингапур **Ҳалима Ёқуб**;
Президенти Муғулистон **Ухнаагийн Хурэлсух**;
Президенти Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Лаос **Тхонглун Сисулит**;
Шоҳи Шоҳигарии Ҳошимиёни Ўрдун **Абдулло II**;
Амири Давлати Кувайт **Наваф ал-Аҳмад ал-Ҷобир ас-Сабаҳ**;
Президенти Ҷумҳурии Ироқ **Абдул Латиф Рашид**;
Президенти Давлати Фаластин **Маҳмуд Аббос;**
Генерал-губернатори Зеландияи Нав **Синди Киро**;
Капитанҳо-регентҳои Ҷумҳурии Сан-Марино **Мария Луиза Берти ва Мануэл Чаватта**;
Раиси Ҳукумати Федератсияи Русия **Михаил Мишустин**;
Раиси Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Русия **Валентина Матвиенко**;
Муовини Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин **Ван Тсишан**;
Сарвазири Шӯрои давлатии Ҷумҳурии Мардумии Чин **Ли Кэтсян**;
Котиби генералии Созмони ҳамкории Шанхай **Чжан Мин**;
Раиси Кумитаи иҷроия – Котиби иҷрогари ИДМ **Сергей Лебедев**;
Котиби генералии Созмони ҳамкории иқтисодӣ **Хусрав Нозирӣ**;
Котиби генералии Созмони давлатҳои туркӣ **Кубаничбек Омуралиев**;
Котиби генералии Созмони Шартномаи Атлантикаи Шимолӣ **Йенс Столтенберг**;
Котиби генералии Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ **Зураб Пололикашвили**.

*Ирсоли табрикот идома дорад.*

# МУРОҶИАТИ ГУРӮҲИ ОМӮЗГОРОН ВА МУРАББИЁН БА СОКИНОНИ ШАҲРИ ТОШКАНД

Сокинони азизи пойтахт, падару модарони муҳтарам!

Алҳол дар Ватани азизи мо – Ўзбекистон дигаргуниҳои бузург ба вуқӯъ мепайванданд.

Ислоҳоти васеъмиқёси демократӣ, ки таҳти роҳбарии Президенти мамлакат, муҳтарам Шавкат Миромонович Мирзиёев татбиқ мегарданд, тамоми соҳаҳои ҳаёти моро бо рӯҳи навсозӣ ва пешрафт саршор мекунанд. Аз ҳама муҳимаш, эътимоди халқи мо ба нерӯ ва имкониятҳои худ, ба фардо меафзояд.

Ҳамаи мо медонем, ки замони мураккаб ва зудгузари ҳолоина дар наздамон чӣ гуна мушкилоти ҷиддӣ ва рӯзмарра мегузорад. Бахусус имрӯз дар Ўзбекистони Нав, ки дилпурона бо роҳи ташаккул додани пойгоҳи Эҳёи Сеюм меравад, дар назди низоми таълим вазифаҳои куллан наву ҷиддӣ қарор доранд. Барои муваффақ шудан ба ин ҳадафҳои олӣ, пеш аз ҳама, кадрҳои баландихтисос – устодони воқеии касби худ, инсонҳои фидокор, онҳое заруранд, ки ба мамлакат ва халқи хеш содиқ мебошанд.

Барои татбиқ намудани ин вазифаҳо, пеш аз ҳама, таълим ва тарбияи босифат лозим аст. Ҳоли ҳозир ин вазифа кори аз ҳама муҳим ва ифтихориест, ки тақдир ва ояндаи кишвари мо, тамоми моро муайян месозад.

Бинобар ҳамин ҳам Президент дар Муроҷиатномааш ба Олий Маҷлис ва халқи Ўзбекистон соли 2023-ро дар мамлакати мо – **Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат** эълон кард.

Мо, омӯзгорон ва мураббиён, ки ҳаёти худро ба таълиму тарбияи насли наврас бахшидаем, инро ба сифати ифодаи амалии эътибори бузург ба пешрафти соҳа қабул мекунем.

Дар ҷараёни мулоқоти кушоде, ки ба наздикӣ дар пойтахт бо омӯзгорону мураббиён ба вуқӯъ пайваст, мо бори дигар муҳимияти вазифаҳои ба зиммаи мо гузошташударо амиқ дарк намудем.

Моро бахусус суханони роҳбари давлат дар бораи зарурати дар Сарқонуни мамлакат баланд бардоштан ва сабт намудани мақоми омӯзгор ва мураббӣ, даъвати ӯ **«Касби омӯзгор бояд дар ҷомеаи мо пешаи бонуфузтарин бошад»** рӯҳбаланд кард, нирӯ ва қувва бахшид. Ба омӯзгорон ва мураббиёни Ўзбекистон ҳеч гоҳ чунин эътибори бузург дода ва ин қадар шароитҳои мусоид фароҳам оварда нашудааст.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

***Дар театр-студияи бачагонаии «Томоша»-и пойтахт тантанаҳои Арчаи Президентӣ идома доранд. Ба он тарбиягирандагони иттиҳодияи «SOS-деҳоти бачагонаи Ўзбекистон», хонаҳои меҳрубонӣ, хонаҳои бачагонаи навъи оилавӣ, ҳамчунин кӯдакон аз оилаҳои камтаъмин даъват шудаанд.***

# ТАНТАНАҲОИ АРЧАИ СОЛИНАВИИ ПРЕЗИДЕНТӢ

Дар ҷараёни ислоҳоти низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба масъалаи тарбияи кӯдакон дар муҳити оилавӣ эътибори зиёд дода мешавад. Хушоянд аст, ки ин ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев алҳол дар мамлакати мо васеъ паҳн шуд.

Масъулияти тамоми хонаҳои меҳрубонии Ўзбекистон ба зиммаи Гвардияи миллӣ гузошта шудааст. Роҳбари мамлакат ба тарбияи ҳар як писару духтар дар рӯҳи анъана ва суннатҳои миллӣ, қаробати иҷтимоии онҳо эътибори махсус медиҳад. Соли 2023-юм, ки Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат эълон гардид, корҳои хайр дар самти мазкур беш аз пеш авҷ гирифта, муҳтавои нав пайдо карданд.

– Соли равон ба ташкили Арчаи Президентӣ сӣ сол пур шуд, – мегӯяд муовини сардори Раёсати ҳифзи иҷтимоӣ ва дастгирии бачагони Вазорати таълими халқи Ҷумҳурии Ўзбекистон Рӯзибек Тураев. – Ба ин муносибат дар вазорату идораҳои дахлдор, Вазорати таълими халқ, ҳокимиятҳо тайёрии махсус гузаронида шуд.

Бинобар маълумот аз ҷониби Шӯрои вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимияти вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, мақомоти ҳуқуқу тартибот рӯйхати 9873 бачагони аз 3 то15-сола тартиб дода шуд, ки бояд дар Арчаи Президентии соли 2023 иштирок кунанд. Барои онҳо аз ҳисоби маблағҳои ҳомиён дар ҳаҷми 10,2 миллиард сӯм тухфаҳои президентӣ омода карда шуданд.

Дар давраи аз 20 то 25 декабр тухфаҳои президентӣ ба Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳои мамлакат расиданд. 29-30 декабр дар тамоми минтақаи ҷумҳурӣ аз ҷониби ҳокимияти вилоятҳо якҷо бо роҳбарони секторҳо ва раёсатҳои таълими халқ Арчаҳои Президентӣ ташкил карда, тухфаҳо супурда мешаванд.

Дар театр-студияи бачагонаи «Томоша» ба бачагон намоишномаҳои солинавии театрии «Орзуҳои Янгибек» пешкаш шуд, ки он ҳамчунин дар доираи телемарафони солинавӣ аз ҷониби шабакаҳои телевизионии «Болажон» ва «Ақлвой»-и Ширкати миллии телевизионии Ўзбекистон намоиш дода мешавад.

Баъди анҷоми намоишномаи идона ба ҳамаи бачагон тухфаҳои президентӣ супурда хоҳанд шуд.

**Назокат УСМОНОВА,**
**хабарнигори ЎзА.**

# ҚАРОБАТИ ЎЗБЕКИСТОН БА ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОНӢ БЕҲТАР МЕШАВАД

## Сомонаҳои машҳури ҶФО сабабҳои ҷолибияти сармоявии Ўзбекистонро таҳлил мекунанд

***Дар сомонаҳои махсусу машҳури Олмон PRESSEPRTAL ва Finanznachrichten.de бахшида ба натиҷа ва пешомадҳои ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоявии олмониву ўзбекистонӣ мақолаҳо чоп шуданд.***

«Иқтисодиёти ҷаҳонӣ даврони душворро паси сар менамояд, ки он ширкатҳои тамоми ҷаҳонро вазифадор мекунад барои бозорҳои нав шариконии навро пайдо кунанд ва ба онҳо мувофиқ шаванд. Иқтисодиёти Олмон низ аз шарикони нави тиҷоратӣ манфиатдор аст ва ноқилони энергетикиро аз қисматҳои дигари ҷаҳон, чунончи, собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла аз Осиёи Марказӣ меҷӯяд», – қайд мегардад дар муқаддимаи як мақола.

Бо таваҷҷуҳ бо баҳои коршиносон нашрияи олмонӣ менависад, ки мамлакат ҳамкориро бо Осиёи Марказӣ ҳанӯз то буҳрон вусъат ва амиқ кард, дар ин бобат ба бозор ва мавзеъҳои нав барои сармоягузорӣ эътибори махсус дод. Ба Ўзбекистон, ки маркази ҷуғрофӣ ва бо беш аз 36 миллион нафар кишвари сераҳолитарини минтақа мебошад, эътибори хоса дода мешавад.

Бинобар маълумоти Оҷонсии рушди иқтисодии Germany Trade & Invest (GTAI) Ўзбекистон алҳол мамлакати ислоҳотхоҳтарини ҷаҳон ва яке аз бозорҳои пешомадноктарини дунё шинохта мешавад. Суръати баланди ислоҳот аз ҷумлаи кафолатҳои рушди воқеии иқтисодии мамлакат дар ду соли наздиктарин дониста мешавад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# МУРОҶИАТИ ГУРӮҲИ ОМӮЗГОРОН ВА МУРАББИЁН БА СОКИНОНИ ШАҲРИ ТОШКАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар Тошканд солҳои охир бисёр мактабҳо симои куллан нав гирифтанд. Барои беҳбуди кори муаллимон имкониятҳои нав фароҳам оварда мешаванд. Ташаббус бобати аз соли таҳсили оянда дар тамоми мактабҳо ба роҳ мондани хӯроки бепул барои толибилмони синфҳои ибтидоӣ низ шаҳодат медиҳад, ки таъмин сохтани шаъну шарафи инсон аз мактаб, аз низоми таълим оғоз меёбад.

Чунин дигаргуниҳои бузурги мусбат тамоми мамлакати моро фаро мегиранд.

Бидуни шубҳа, дар замони мураккаби кунунӣ, дар замоне, ки дар олам буҳрони амиқ идома дорад, ҷудо кардани чунин маблағҳои бузург барои соҳаи таълим осон нест. Вале ҳар қадар душвор бошад ҳам, Президенти кишвар бо назардошти тақдир ваояндаи халқ, фардои фарзандон барои пешбурди соҳа тамоми имкониятҳоро фароҳам меоварад.

Мо, кормандони соҳаи таълим, ҷавобан ба ин ғамхорӣ, бо дарки он, ки **ҳар як кӯдак сарвати бебаҳои мамлакат буда, фарзанди мост**, тайёрем тамоми донишу имконият, нирӯ ва ғайрати худро барои тарбияи фарзандони кунунӣ, созандагони Ӯзбекистони Нав сафарбар намоем.

Падару модарони азиз!

Ҳамаи мо хуб идрок мекунем, ки **баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, ба насли наврас фароҳам овардани имкониятҳо дар мактаб аз худ намудани на камтар аз ду забони хориҷӣ, асосҳои саводи компютерӣ ва касбу ҳунар** аз тамоми мо муттаҳид сохтани саъю кӯшиш ва ҳамҷиҳатона амал намуданро тақозо доранд.

Барои писарон ва духтарон, ҳангоми муайян сохтани роҳи ҳаёти онҳо, бахусус соли хатм, синфи 11-уми мактаб аҳамияти бағоят муҳим дорад.

Бояд дар хотир дошт, ки дар масъалаи мазкур баробари кори омӯзгорон вазифа ва ӯҳдадориҳои падару модарон нақши бағоят бузург мебозад. Дини муқаддаси мо – ислом бар он аст, ки вазифаи аввалиндараҷаи падару модарон ба фарзандони хеш таълиму тарбияи хуб додан мебошад.

Бинобар ҳамин ҳам мо бояд ҳамкории тарафайни байни волидайн ва омӯзгоронро пурзӯр намоем. **Тарбияи духтарон, ки дар оянда худашон бояд насли нав, шахсиятҳои дорои дониш ва касбҳои замонавӣ, соҳиби ҷаҳонбинии васеъро тарбия кунанд, вазифаи муҳимтарин аст.**

Хулоса, дар замони муташанниҷи кунунӣ, ҳангоме ки нирӯҳои мухталифи вайронкор беш аз пеш саъй менамоянд, ки шуури одамон, пеш аз ҳама насли наврасро забт намоянд, мо ҳақ надорем, ки дар соҳаи бағоят муҳим чун таълим ва тарбия ба лоқайдӣ роҳ диҳем.

Ба сифати ватандӯстони ҳақиқӣ ташаккул додани писарону духтарони мо, ки ҷараёнҳои мусбати дар мамлакат ба миёномадаистода, ба куллан тағйир додан ва нав кардани онҳо баҳои баланд медиҳанд ва фаъолона иштирок мекунанд, бояд нафақат орзуву омоли тамоми падару модарон, балки вазифаи амалии онҳо гарданд.

Мо ҳамеша бояд дар хотир дошта бошем: **тарбия – пеш аз ҳама, таълими кӯдак бо кумаки меҳру муҳаббат, эътибору ғамхорӣ ба даст меояд.**

Бо назардошти ин ба мақсади ташаккул додани насли наврас дар рӯҳи эътиқод ба Ватан, эҳтиром ба суннатҳои миллӣ ва умумиинсонӣ мо бояд амалан ҳамкории **мактаб – оила – маҳалларо** ба роҳ монем.

Агар мо масъулияти худро дар назди халқ ва Ватан амиқ дарк намуда, ҳамҷиҳатона амал кунем, бидуни шак, низоми таълими миллӣ ва тарбияро ба дараҷаи сифатан нав бардошта метавонем, ба ҳадафҳои дар пеши худ гузошта муваффақ мешавем.

Ҳамватанони азиз!

Алҳол мо гаштаву баргашта ба заковати гузаштагони бузургамон – маорифпарвароне, ки фармудаанд: **«Калиди пешрафт дар таълим, тарбия ва дониш дар дасти омӯзгор аст»**.

Аз ҳама муҳимаш, барои он ки ин суханон, ки таҷассуми орзуву омоли ҳар як падару модарасту саъю кӯшиши тамоми халқи моро ифода мекунад, бояд ба ғояи ҳаёти мо, маҳаки муҳимтарини фаъолияти мо табдил ёбанд.

Агар мо тамоми нирӯ, дониш ва таҷрибаи худро ба татбиқ сохтани стратегияи Президентамон дар соҳаи таълиму тарбия равона созем, дар ин кори хайр саҳми муносиб гузорем, метавонем бо эътимод бигӯем, ки вазифаи худро дар назди гузаштагони бузург ва насли оянда иҷро кардаем.

**Омӯзгорон ва мураббиёни шаҳри Тошканд.**

# ҚАРОБАТИ ӮЗБЕКИСТОН БА ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОНӢ БЕҲТАР МЕШАВАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Нақшаҳои ҳукумати Ӯзбекистон бузурганд, таъкид мегардад дар мақолаҳо. Чунончи, дар давраи солҳои 2023-2025-ум интизор меравад, ки ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ тақрибан 94 миллиард долларро ташкил медиҳад. Талаботи зиёд ба технологияҳо дар тамоми секторҳои иқтисодӣ ва лоиҳаҳои бисёри таҷдиду вусъатдиҳӣ дар саноат ва инфрасохтор барои молрасонҳои хориҷии ноу-хау ва технология пешомадҳои хубро фароҳам меоваранд, зеро ҳисобу китоби харҷҳои дуруст барои қувваи корӣ ва муҳити мусоиди он ба манфиати сармоягузорони байналхалқӣ аст.

Муҳити корӣ дар мамлакат аз замони ба вазифа сар кардани Президент Шавкат Мирзиёев хеле беҳтар шуд, гуфта мешавад дар мақолаҳо. Ба шароити мамлакат ҳам аз ҷониби коршиносон ва ҳам аз ҷониби иқтисодиёти Олмон баҳои мусбат дода мешавад. Ӯзбекистон барои он ки сармоягузорон ва боррасонҳои ноу-хау худро хуб ҳис кунанд, тамоми корҳои имконпазирро ба ҷо меоварад. Кишваре, ки пештар пӯшида буд, алҳол зуд барои иқтисодиёти ҷаҳонӣ боз мегардад. Бо вуҷуди пандемия ва вазъи душвор дар бозорҳои хориҷӣ, иқтисодиёт зуд ривоҷ меёбад: соли 2021 он ҳафт фоиз афзуд, соли гузашта бошад тақрибан шаш фоиз хоҳад афзуд. Бинобар ақидаи директори иҷрогари Кумитаи шарқии иқтисодиёти Олмон Михаэл Хармс замони ба ҳаёт татбиқ намудани ин нақшаҳо расидааст.

Рақамҳо аз ин шаҳодат медиҳанд. Чунончи, танҳо солҳои охир тақрибан 50 корхонаи наву муштараки олмониву ӯзбекистонӣ ташкил гардиданд. Ширкатҳои олмонӣ, аз ҷумла MAN, Class, Knauf ва Paptnburg аллакай дар мамлакат кор мекунанд, ширкатҳои Wies-mann, Aurubis, Carl Gross, Hugo, Boss ва ғайра бошанд, акнун ба бозори Ӯзбекисон ворид мешаванд. Танҳо соли 2021-ум ширкатҳои олмонӣ ба иқтисодиёти Ӯзбекистон тақрибан 800 миллион доллар сармоягузорӣ намуданд. Аз ибтидои соли гузашта мубодилаи моли байни ду мамлакат 139,4 фоиз афзуд. Интизор меравад, ки то охири соли 2022-юм сармояҳои Олмон ба миллиард доллар мерасад. Ҳамин тариқ Олмон ба сафи панҷ сармоягузори бузургтарини иқтисодиёти Ӯзбекистон ворид мешавад.

Яке аз самтҳои пешомадноки ҳамкориҳои олмониву ӯзбекистонӣ сектори энергетикӣ ба шумор меравад. Мамлакате, ки дар он соле 300 рӯзи офтобӣ ҳаст, барои истифодаи нирӯи офтобӣ имконияти бузург дорад ва аз технологияҳои энергетикаи муқобил манфиатдор мебошад. Олмон аз кишварҳои пешқадами соҳаи манбаи энергияи муқобил буда, тайёр аст гузаштани Ӯзбекистонро ба энергетикаи «сабз» дастгирӣ намояд.

Ҳамин тариқ қаробати Ӯзбекистон ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ беҳтар мегардад, хулоса мекунанд захираҳои иттилоотии Олмон.

**АИ «Дунё».**

*Шаҳри БЕРЛИН.*




# ДАР НАМАНГОН «КОХИ МАТБУОТ» СИМОИ ЗАМОНАВӢ ГИРИФТ

***Дар арафаи Соли нав барои журналистони намангонӣ туҳфаи сазовори идона тайёр карда шуд. «Кохи матбуот», ки дар он таҳририяҳои нашриёҳои иҷтимоию сиёсӣ — рӯзномаҳои «Наманган ҳақиқати» ва «Наманганская правда» ҷойгир шудааст, аз таҷдиди асосӣ баровардa, ба истифода дода шуд.***

Дар чорабинии ба ин муносибат баргузоршуда, гуфта шуд, ки соли 2022, ки бо озмоишҳои мухталифи ба худ хос паси сар шуд, низ соли гардишҳои нав дар соҳаи матбуот буд.

Хусусан, қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 27 июни соли ҷорӣ «Дар бораи чораҳои дастгирии воситаҳои ахбори оммавӣ ва рушди соҳаи журналистика» дар ба зинаи нав бардоштани матбуоти миллиамон асос шуда, барои ба тарзи ба замон мосу хос, тезкор ва холисона кор пеш бурдани соҳибони пешаи заҳматписанд, фароҳам овардани шароити эҷодии онҳо ҳуҷҷати ҳуқуқӣ гардид.

Бинои «Кохи матбуот», ки соли 1979 дар шаҳри Намангон сохта шуда буд, дар тӯли 43 сол фарсуда гашта, байни биноҳои навбунёди маркази вилоят шаклу шамоилашро гум карда буд. Як сол пеш ин маъбади маънавият аз ҷониби гурӯҳи корӣ таҳти сарварии ҳокими вилояти Намангон мавриди омӯзиш қарор гирифта, нақшаи таъмири комили бино таҳия шуда буд. Қарори сарвари давлат, ки дар Рӯзи кормандони матбуот ва воситаҳои ахбори оммавӣ эълон шуд, барои суръат бахшидан ба кор дар ин самт хидмат кард.

Дар асоси озмуни тендерӣ бинокорони Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Челси қурилиш дизайн» ба корҳои таъмири асосӣ шурӯъ карданд. Бо дарназардошти андешаҳои мутахассисон нақшаи лоиҳавии навсозии дохиливу берунии бино, бо технологияҳои муосири медиавӣ муҷаҳҳаз гардонидани он тартиб дода, дар ин замина корҳои сохтмонӣ ба роҳ монда шуд. Барои таъмири куллӣ аз буҷети вилоят зиёда аз 2 миллиарду 600 миллион сӯм сарф карда шуд.

Бино симои замонавӣ гирифт. Дар «Кохи матбуот» на танҳо барои нашрияҳои мақомоти вилоят, балки барои шуъбаи вилоятии Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон, пункти мухбирии Агентии миллии ахбори Ӯзбекистон дар вилоят, ҷамоаҳои эҷодии рӯзномаҳои соҳавӣ ва маҷаллаҳо шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Бо воситаҳои зарурии техникаи идора ва мебел таъмин карда шуд.

— Кай ба ин бино ҳам эътибор медода бошанд, гӯён ба биноҳои замонавии атрофамон бо ҳавас нигоҳ мекардем, — мегӯяд мудири шуъбаи рӯзномаи “Наманган ҳақиқати”, Рӯзноманигори шоистаи Ӯзбекистон Рисликҳон Маҷнунова. — Ана, орзуҳои мо амалӣ шуданд. Мо ҷашни Соли навро дар утоқҳои бароҳату равшан, маскани дорои шароити замонавӣ пешвоз мегирем. Шароити мусоиди ин ҷо моро водор месозад, ки ба тарзи нав кор кунем, татбиқи вазифаҳои дар Муроҷиатномаи Президенти кишвар ба миён гузошташударо пайваста инъикос намоем, моҳияти сиёсати давлат ва ислоҳотро оммавӣ гардонем, дар роҳи ба минбари воқеан ба маънои том кушоду озод табдил додани нашрияамон аз таҳти дил меҳнат кунем.

Акнун дар «Кохи матбуот» дар баробари нашрияҳои чопӣ, блогерҳо ва намояндагони сайтҳои интернетӣ ҷойгир хоҳанд шуд. Илова бар ин, дар ин макон технологияҳои муосири иттилоотӣ ҷорӣ карда мешаванд. Дар бино мониторинги рекламаи калонҳаҷм насб карда мешавад. Хулоса, «Кохи матбуот» ба маркази воқеии медиа табдил меёбад.

Дар маросими ифтитоҳи “Кохи матбуот” ҳокими вилояти Наманган Шавкат Абдураззоқов ширкат кард.

**Оқилхон ДАДАБОЕВ, мухбири ӮзА.**
**Суратгир: Ҳ.МАМАДАЛИЕВ (ӮзА).**

*Минбари озод*

# БАРАКАТ АЗ ҲАРАКАТ

Камина Муроҷиатномаи сарвари давлат муҳтарам Шавкат Мирзиёевро чун тамоми шаҳрвандони кишвар тавассути оинаи нилгун тамошо карда, сипас матни онро аз рӯзномаи «Овози тоҷик» такрор ба такрор, бо диққату эътибори ҷиддӣ мутолиа намуда, боварӣ ҳосил намудам, ки саъю кӯшиши Президент ба осудагӣ ва фаровонҳолии ҳар як оилаи тифоқ ва сермиллати Ӯзбекистони Нав нигаронида шудааст.

Дар урфият мегӯянд, ки барои як мурғ ҳам обу ҳам дон лозим. Аҳолии кишвари мо ба беш аз 36 миллион нафар расид ва ҳар сол қариб як миллион меафзояд. Тасаввур кардан душвор нест, ки ҳатто дар як оилаи хурд чӣ қадар ташвишу таҳлука ҳаст.

Пас Президент барои 36 миллион аҳолӣ чӣ қадар ғаму ташвиш дорад... Дар омади гап бояд бигӯям, ки ман сарвари давлат Шавкат Мирзиёевро аз солҳои дар Самарқанд чун ҳокими вилоят кор карданаш нағз мешиносам. Он солҳо ман дар ноҳияи Тайлоқ ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Тони Грин»-ро ташкил карда, фаъолияти тадбиркории худро оғоз карда будам. Муаммоҳоро маҳз бо кумак ва дастгирии ҳокими вилоят – Шавкат Мирамонович ҳаллу фасл мекардем.

Аз байн чандин харбузапаз гузашта бошад ҳам, ҳар гоҳ Президенти ғамхору меҳрубон, муҳтарам Шавкат Мирзиёев ба Самарқанд ташриф оранд, ҳатман бо фаъолияти корхонаи мо шинос мешаванд, бо коргарони одӣ суҳбати дилнишину самимӣ ороста, ҳолу аҳвол мепурсанд, ки камина аз ин сипосгузор ҳастам.

Воқеан, дар ҳудуди корхонаи мо масҷиди ҷомеи ҳадисшиноси машҳур, устоди Имом ал-Бухорӣ Абдураҳмон ал Дорамӣ вуҷуд дорад, ки ҳоло ба муносибати 1225-солагии ӯ дар ин ҷо корҳои ободонӣ дар авҷ аст.




Барои таъмиру бозсозии маҷмӯаи мазкур 50 миллион доллар ҷудо шудааст ва имрӯз қариб 100 нафар дар сохтмони ин иншоот меҳнат мекунанд. Чанд сол муқаддам масҷид ҳолати ночор дошт.

Хушбахтона, бо сиёсати дурандешонаи сарвари давлат на танҳо масҷиди ҷомеи Дорамӣ, балки маҷмӯаҳои Имом ал-Бухорӣ ва Имом Мотрудӣ низ ба зиёратгоҳ табдил ёфтанд. Намозгузорон болои ҷойнамоз муҳтарам Шавкат Мирзиёевро дуои хайр мекунанд.

Бояд гуфт, ки хоҷагии фермерии «Сиёб Шавкат орзу», ки фаъолияти худро аз сабзавоткорӣ, боғдорӣ, ғаллакорӣ оғоз кардааст, алҳол бо дастгирии Президент бо коркарди меваю сабзавот, маҳсулоти чорводорӣ, паррандапарварӣ, бунёди иншооти истиқоматӣ машғул аст. Дар корхонаи мо беш аз 20 ҳазор нафар меҳнат мекунанд. Бо меҳнати фидокоронаи онҳо маҳсулоти кишоварзӣ, чорводорӣ паррандапарварӣ на танҳо ба қаламрави кишвар, балки ба хориҷа ҳам ирсол мегардад.

Корхонаи мо дар бобати дастгирии шахсони муҳтоҷ, оилаҳои камбизоат, ҳатто барои чопи китобу рисолаҳои адибону олимон саҳим аст.

Аз фурсат истифода бурда, тавассути рӯзномаи дӯстдоштаи худ – «Овози тоҷик» тамоми мардуми шарифи Ӯзбекистонро бо Соли нав табрик гуфта, ба онҳо хушбахтии оилавӣ, дастурхони пурнозу неъмат таманно дорам.

**Бахтиёр МАЪРУФӢ, роҳбари корхонаи «Сиёб Шавкат орзу»-и ноҳияи Тайлоқи вилояти Самарқанд.**

*Таассуроти сафар*

# ОРЗУ АЙБ НЕСТ

## ё худ боздид аз ҳамсояшаҳри хориҷӣ

Қабл аз соҳибистиқлолии Ӯзбекистон, ба хусус аз тошкандиён мешунидем, ки сӯзишвории автомобилии шаҳри Чимкент тозатар аст. Бинобар ин он замон ронандагону мошиндорон ба ин шаҳри ҳамсоя рафта, мошинашонро аз сӯзишвории тоза пур карда меомаданд. Ин гапу овозаҳоро шунида, мо – ҷавонон, агарчи соҳиби мошин набудем, ба фурӯшандагони ҳалолкори он ҷо ҳавасамон меомад, мехостем онҳоро бо чашми худ бубинему ба ин қазия бовар кунем.

Дар дили банда низ ин хоҳиш пайдо шуда буд.

Он давр – то охири солҳои 80-уми асри XX дар курсҳои олии Вазорати корҳои дохилӣ, ки воқеъ дар шаҳри Тошканд буд, тарҷумонӣ мекардам. Вазифаам масъулиятнок, ки буд, бо хоҳиши худ ба сафари дур баромадан номумкин ва боз барои ин фурсат ҳам набуд.

Ман баъди адои хидмат ба зодгоҳам – деҳаи Варзик баргашта, бо касби омӯзгорӣ машғул шудам. Ба сабаби зарурат ба кадрҳои афсарӣ баъди истиқлол маро боз ба сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ даъват карданд.

Орзуи сафар ба Чимкент ҳанӯз бо ман буд. Оқибат, баъди ба нафақа баромадан ба он ҳамсояшаҳри акнун кишвари хориҷӣ, ки духтар ва домодамон дар он ҷо муваққатан кору зиндагӣ мекунанд, сафар кардам. Орзуи деринаам ҷомаи амал пӯшид.

Дар даромадгоҳи шаҳри Чимкент ронандаи мо автобусро аз бензин пур кард. Ман аз ӯ пурсидам:

– Пештар бензини ин шаҳрро тоза гуфта, таъриф мекарданд, оё ҳозир ҳам ҳамин тавр аст?

– Ҳа, ҳамин хел, – ҷавоб дод ронанда.

Аз ин мебарояд, ки то ҳол дар ин маҳал бензинфурӯшони ҳалолкор будаанд.

Мошинсавор дар шаҳр гаштем, ягон ронанда аз нотозагиву олудагии сӯзишвории мошинаш шикоят намекард.

Офарин ба бензинфурӯшони чимкентӣ!

Асли вожаи «чимкент» ба фарзияи ман «чимканд» асту муҳаққиқон онро калимаи форсӣ-тоҷикӣ маънидод карданд, яъне шаҳре аз чим – қабати болои замини сабзпӯш бунёдшуда.

Чимкент дар байни ду дарё – Бодом ва Сайрам ҷойгир буда, таърихи беш аз 2200-сола дорад. Шаҳр, агарчи қадимист, мисли шаҳрҳои Бухорою Самарқанд ёдгориҳои зиёди меъморӣ надорад. Вале дар он биноҳои куҳнашакли аврупоӣ ҳастанд. Чунончи, филармонияи вилоят дар бинои нимаи дуюми асри XIX ва шифохонаи клиникии вилоят дар госпитали куҳнаи ҳарбӣ ҷой гирифтаанд.

Чимкент шаҳри сераҳолӣ, гуногунмиллат, бузургтарин нуқтаи маданию саноатӣ ва тиҷоратии Қазоқистони ҷанубист. Он ба шаҳрҳои куҳнаю нав ҷудо мешавад. Ҳокимият, идора, созмонҳо дар шаҳри нав ҷойгир шудаанд. Дар шаҳр 19 маркази маданию миллии славян, ӯзбек, тотору бошқирд, немис, курд ва ғайра бо якдилию дӯстона амал мекунанд. Дар маълумоти дастраси мо мавҷудияти марказҳои форсзабонон, инчунин тоҷикон зикр нашуда, ҷумла бо «ғайраҳо» кӯтоҳ гардидааст. Ҳарчанд дар ин шаҳр тоҷикону форсҳо низ ҳастанд.

Мо Чимкентро шаҳри саҳроӣ ва камдарахт гумон мекардем. Ин гумонамон нодуруст баромад. Шаҳр – дорои дарахту растаниҳои зиёд ва хушҳавост. Аз тариқи намоиши телевизион дидем, ки боғи этнографии шаршарадору сердолу дарахти Кенбобои он баҳору тобистон салқину боби истироҳат будааст.

Обу ҳавои Чимкент ба Тошканд монанд аст. Он маркази вилояти Туркистони Қазоқистон низ ҳаст. Қаламрави он аз сарҳади вилояти пойтахти мо – Тошканд то вилояти Ҷезқозғон кашол ёфтааст. Вилоят ғайр аз шаҳру деҳот ҳамвориҳо, биёбону, адирҳо, дарёву, обанборҳо, заминҳои кишту бекорхобида ва чарогоҳҳои бепоён дорад. Туркистон мисли вилоятҳои мо минтақаи асосии пахтакории кишвари ҳамҷавор аст.

Пеш аз бозгашт тавассути «оинаи нилгун» ду филми бадеии қазоқӣ – «Пирамард» ва «Тумориса»-ро тамошо кардем. Дар филми аввал пирамард молҳояшро ба чарогоҳ бурда, дар туман раҳгум мезанад ва шабу рӯз худу чорпоёнро аз ҳамлаи гургон муҳофизат мекунад. Бо вуҷуди ин, даррандагон тӯда-тӯда ҳуҷум оварда, аспу гӯсфандони ӯро тӯъмаи худ месозанд. Кӯҳансоли нотарсу боирода оқибат танҳо худу умеди ояндааш – барраеро аз онҳо раҳо карда, ба хонааш бармегардад...

Дар филми дуюм маликаи массагетҳо Тумориса баъди марги шавҳараш ба тахт нишаста, бо сардории писараш – Спарганис бар зидди аҷнабиён мубориза мебарад. Дар ҷанг писараш ҳалок мешавад, вале ӯ ғалаба мекунад...

Оре, ба орзу айб набудааст, банда ба орзуи худ расида, комёб шудам ва боз дорои таассуроти чуқуру фаромӯшнопазир гардидам.

**Ш. МИРЗОЕВ,**
*вилояти НАМАНГОН.*

# Дар ноҳияи Кегейлӣ корхонаи «Aqtuba textil group» ба кор сар кард

***Дар арафаи ҷашни солинавӣ дар ҳудуди ҷамоати шаҳрвандони овули «Актуба»-и ноҳияи Кегейлӣ корхонаи «Aqtuba textil group» кори худро оғоз кард.***

Раиси Жокарги Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон А.Оринбоев ва ҳокими вилояти Андиҷон Ш.Абдураҳмонов ба сухан баромада, ҳозиронро бо кушодашавии корхонаи нав табрик намуданд.

Қимати умумии лоиҳа 30 миллиард сӯмро ташкил медиҳад, пешбинӣ шудааст, ки 500 бонувон бо кор таъмин шаванд. Ҳоли ҳозир аллакай 393 нафар занону духтарон соҳиби кор шудаанд. Иқтидори солонаи истеҳсолии лоиҳа 2,4 миллион адад либос мебошад.

Корхона бо Федератсияи Русия қарордоди солона имзо кард ва алҳол сарулибосҳои босифати мардона, занона ва бачагона истеҳсол мекунад. Кушодашавии корхонаи нав барои сокинони ноҳияи Кегейлӣ, бахусус бонувони он ҷашни ҳақиқӣ гардид.

**Довуд АБИБУЛЛОЕВ, хабарнигори ӮзА.**



# СОЛИ НАВ ОМАД, ШОДУ ҒАЗАЛХОН

## ё худ дар ҳошияи барномаи пешрафту тараққиёти кишвар

*(Эссе)*

Ба мо, як гурӯҳ дӯстдорони табиат одат шудааст, ки ҳар сол, рӯзи якуми январ ба кӯҳсори қаторкӯҳи Зарафшон, саҳеҳтараш Шаҳнондара сафар намоем. Шукр мекунем, ки туфайли сиёсати хирадмандонаи сарвари давлат Шавкат Мирзиёев осмонамон мусаффо, ҳаётамон тинҷу осуда аст.

Муроҷиатномаи пурмаъно ва пурмуҳтавои сарвари давлат ба Олий Маҷлис ва халқи Ӯзбекистон, бешубҳа, барномаи пешрафту тараққиёти кишвари маҳбуби мост. Он чиз ҷолиби диққат аст, ки дар Муроҷиатнома рақамҳои зиёде зикр гардидаанд, ки пешрафти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангии рӯзгори мардуми диёри моро возеҳан тасбит месозанд. Хосатан рақамҳои рӯҳбахши Муроҷиатнома пешравии комили Ватани соҳибистиқлоли моро ба чашми оламиён бараъло инъикос мекунад: дар натиҷаи ислоҳоти васеъмиқёс ва самаранок ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бори аввал аз 80 миллиард доллар гузаштааст.

Аз ҳама муҳимаш, танҳо соли гузашта ба иқтисодиёти Ӯзбекистон 8 миллиард доллар сармояи хориҷӣ ворид гардид, содирот бошад, ба 19 миллиард доллар расид. Дар зери ин рақамҳо меҳнати пурмашаққати халқи кишвар, аз ҷумла Президент нуҳуфтааст.

Боз як талоши Раисҷумҳур кардани сатҳи камбизоатӣ мебошад. Масалан, дар соли 2017 агар 500 ҳазор нафар оилаи камтаъмин кумаки иҷтимоӣ гирифта бошанд, алҳол ин нишондиҳанда ба 2 миллион расидааст.

Ғамхорӣ нисбат ба насли наврас аз нахустин рӯзҳои сарвари давлат интихоб шудани Шавкат Мирзиёев дар маркази эътибори ӯ қарор дорад. Ва бидуни муболиға насли ҷавони кишвари маҳбуби мо парвардаи иқдомоти дурбинона ва талошҳоиояндасози Президенти ғамхору меҳрубони мо ҳастанд. Зеро афзудани сифати таълим роҳи ягона ва дурусти тараққиёти Ӯзбекистони Нав аст. «Мо бояд ислоҳотро, ки дар ин соҳа оғоз кардем, идома диҳем, ба даргоҳҳои таълим рафта, бо омӯзгорону мураббиён бештар мулоқот кунем, масъалаҳое, ки онҳо баҳри беҳтар намудани сифати корҳои таълиму тарбия пеш мегузоранд, якҷоя ҳаллу фасл намоем» – изҳор доштааст сарвари давлат.

Инчунин Президент таъкид намуд, ки мардум аз мо зиёд кардани миқдори мактаб, кӯдакистон ва шифохонаҳо, беҳтар кардани сифати таълиму тиббиёт, дар маҳалла ҳаллу фасл намудани масъалаҳои роҳ, об, электр, нақлиёт, афзоиши ҷойҳои корӣ, фароҳам овардани имкониятҳои нав барои соҳибкорӣ, таъмин сохтани адолат, аз байн бурдани сарсониву саргардонӣ, бюрократия ва коррупсияро интизоранд. Ҳар қадар мураккаб ва душвор набошад ҳам, мо ин мушкилоти рӯзро, албатта, ҳал хоҳем кард.

Боиси хушнудист, ки бо пешниҳоди сарвари давлатамон **соли 2023 – Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат** эълон шуд.

«Мо барои бахту осоиштагии ҳаёти ҳар як инсон, ки дар ин кишвар зисту зиндагонӣ мекунад, баҳри беҳбудии саломатии ӯ, соҳиби таълими хуб шудан, барои муҳайё сохтани шароит ба оилааш, фароҳам овардани тамоми имкониятҳо барои ӯ саъю кӯшиш мекунем ва ин иқдоми некро идома медиҳем», — гуфт сарвари давлат.

Президент масъалаи баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбияро вазифаи устувор дониста, изҳор дошт, ки: «Наҷот – дар таълим, наҷот – дар тарбия, наҷот – дар дониш» аст. Зеро ба ҳама гуна мақсадҳои нек ба туфайли дониш ва тарбия муваффақ мегарданд».

Дониш чароғи ақл аст. Сардафтари адабиёти тоҷик устод Абуабдулло Рӯдакӣ навиштааст:

*Тавоно бувад, ҳар кӣ*
*доно бувад,*
*Ба дониш дили пир*
*барно бувад.*

Дар омади гап бояд таъкид намуд, ки Самарқанд ба маркази илму дониш табдил ёфтааст, дар натиҷа якчанд мактаби олии дунё шуъбаҳои худро дар ин ҷо кушоданду дарсҳо ба забони русӣ англисӣ, олмонӣ, ҷопонӣ ҳам ҷараён мегиранд. Ин бесабаб нест. Бо ташаббус ва дастгирии сарвари давлат Самарқанд ба шаҳри сайёҳӣ табдил ёфт ва қариб ҳар рӯз фавҷ-фавҷ меҳмонони хориҷӣ ба ин ҷо омада, бо ёдгориҳои таърихии шаҳри бостонӣ шинос мешаванд. Чанде пеш як гурӯҳ ҳамкорон ва ҳамқаламони мо аз идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» барои боздид ба шаҳри Самарқанд омада, бо як олам таассурот баргаштанд.

Боз як навид он аст, ки аз соли нав Самарқанд – ба маркази сайёҳӣ ва тиҷорати байналхалқӣ табдил ёфта, ба сифати воҳиди алоҳидаи маъмуриву ҳудудӣ ба тобеияти ҷумҳурӣ гузаронида мешавад.

«Новобаста аз миллат, забон ва дину мазҳаб, ҳар як шаҳрванде, ки Ӯзбекистонро Ватани худ медонад ва дар рушди он саҳм мегузорад, минбаъд низ мавриди назари давлату ҷомеаи мо қарор хоҳад дошт, – мегӯяд Президент, – мо тамоми қувваю имкониятамонро барои боз ҳам мустаҳкам намудани муҳити дӯстии байни миллатҳо, якдилии динӣ, таҳаммулпазирии иҷтимоӣ сафарбар мекунем», – гуфта мешавад дар Муроҷиатнома.

Аммо барои расидан ба рушду нумӯъ, пешрафту тараққиёти рӯзафзун ва гулгулшукуфоии Ватани маҳбуб бояд мардуми Ӯзбекистон бо роҳе раванд, ки сарвари хирадманду фозил нишон медиҳад. Мусаллам аст, ки агар мо якдилу якзабон шуда, ҳидоятҳои Президентро сармашқи зиндагии худ қарор бидиҳем, бешубҳа, ояндаи дурахшон насиби мо хоҳад буд.

Ҳоло дар кӯҳистон барф бисёр, табиат гӯё либоси тоза, пурҷозибаву пурҷило ба бар кардааст.

Бигзор сафари мо хубу бобарор бошад!

*Соли нав омад, шоду*
*ғазалхон,*
*Табрик созем, онро рафиқон!*

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон.**



# ИД БОЛОИ ИД ОМАД

***Дар арафаи Соли нави 2023 маросими ба истифода додани биноҳои баландошёнаи нав, ки дар ҳудуди ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Қӯрғонтеппаи ноҳияи Фарғона ва ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Лашкар»-и шаҳри Қувасой, ки он ҷо қисмҳои сарҳадбонӣ маскан гузидааст, баргузор гардид ва ба иди ҳақиқӣ табдил ёфт.***

Дар ноҳияи Фарғона бо арзиши умумии 24 миллиарду 880 миллион сӯм бинои 3-ошёнаи маъмурӣ ва ду бинои истиқоматии 16 ҳуҷрадор бунёд гардида, ҳудуди он бо майдончаҳои варзишии кӯдакона ва майдончаҳои бозӣ ободу зебо гардонида шудаанд. Дар ҳудуди шаҳри Қувасой ба маблағи 8 миллиарду 310 миллион сӯм бинои 5 ошёнаи 48 ҳуҷрадор мавриди истифода қарор гирифт. Атрофи ин бино пурра кабудизор карда шудааст.

Ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров дар маросими супоридани хонаҳои нави хидматӣ, ки барои сарҳадбонон муқаррар шудааст, изҳор намуд, ки барои мардуми вилоят соли сипаришуда фараҳу шодӣ бахшидааст. Соли нав низ барои мардуми кишварамон соли пурфайзу баракат, сулҳу субот ва оромӣ хоҳад шуд.

Ӯ соҳибони хонаҳои истиқоматиро бо бурёкӯбон ва Соли нав табрик намуд ва ба онҳо калиди хонаҳоро супурд.

– Аз рӯзҳои аввали ислоҳоте, ки бо ташаббуси Президент пиёда мегардад, ҳамчун самтҳои муҳимтарин ва афзалиятноки ислоҳоти куллии соҳаи сохтмони ҳарбӣ, таъмини низомиён бо манзил ва фароҳам овардани шароити мусоид барои дастгирии онҳо муайян карда шудаанд. Манзилҳои нави баистифодадодашуда маҳз ҷавобан ба ҳамин ислоҳот мебошад ва рӯҳияи шумо, сарҳадбононро боло мебардорад, ба нерӯи шумо нерӯ мебахшад, то ки шумо сарҳадҳои Ватани маҳбубамонро бо садоқат ва ватандӯстии бештар ҳифз кунед, – гуфт Хайрулло Бозоров.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ВОХӮРИИ СЕ НАСЛ

***Ҳурмати пирон намову аз ҷавонӣ бас маноз,***
***3-он ки пирон низ айёми ҷавонӣ дидаанд.***

Ин мисраъҳои шоир моро ҳушдор медиҳад, ки ба қадри пирони рӯзгордида расида, эъзоз дорем, ба онҳо ҳурмат ва эътибор зоҳир намуда, аз ҳаёту кори ибратбахши онон сабақ бардорем. Зеро дуои мӯйсафедони нуронӣ ба кас нерӯ ва оромиш мебахшад. Ба ин хотир се сол инҷониб ба туфайли ғамхориҳои Президент ва ҳукумат дар ҷойҳо вохӯрии намояндагони се авлод мутантан гузаронида мешавад.

Дар шаҳри Тирмиз низ бо иштироки фахриёни меҳнат, фидоиёни касбу кори гуногун, ки имрӯз баҳри тараққиёти кишвар саҳми арзанда мегузоранд ва наврасоне, ки умедуояндаи дурахшони кишвар ва ҷомеаи мо маҳсуб меёбанд, вохӯрии намояндагони се насл баргузор гардид.

Аз саҳарии барвақт намояндагони марказҳои миллӣ-мадании тоҷикон, туркман, рус ва дигар марказҳои ҳунармандӣ бо либосҳои миллии худ дар назди тарабхонаи бошукӯҳи «Муҳташам», ки дар соҳили Анҳор ҷойгир аст, ҳозир шуда, экспонатҳои миллиknown қадимӣ ва замонавии хешро ба маърази тамошо гузоштанд. Намояндагони фаъоли се авлод, ки аз ҳар гӯшаву канори вилоят даъват шуда буданд, бо хушҳолӣ бо ҳам дидор намуда, намоишгоҳро тамошо намуданд, гурӯҳ-гурӯҳ суҳбат намуда, аз ҳоли ҳамдигар пурсон мешуданд, аз муваффақиятҳои ҳамдигар хушҳол гашта, табрик мегуфтанд. Сари синаи аксар фахриёни меҳнат, авлоди миёнсол ва наврасро медалу нишонҳо зеб медод. Ин аз он дарак медод, ки мӯйсафедони нуронӣ умри хешро беҳуда нагузаронидаанд ва намояндагони миёнсолон низ имрӯз бо ҷидду ҷаҳд пайи ободии Ватан камарбастаанд ва роҳи зиндагии ин ду авлод барои насли ҷавону наврас, ки бунёдгузорони Ӯзбекистони навин ҳастанд, намунаи ибрат аст.

Ҳокими пештараи вилоят Тӯра Боболов иштироккунандагони чорабиниро шодбош ва хайра мақдам гуфта, дар нутқи хеш оиди ғамхориҳои Президент ва ҳукумат ба нурониён ва насли наврас, инчунин дастовардҳои меҳнаткашони воҳа дар соҳаи кишоварзӣ, саноат ва бунёдкорӣ ҳарф зад. Собиқадори меҳнат, дорандаи чандин нишони пурарзиш Ҳумоюддин Шарофиддинов, ки кӯҳансолтарин иштирокчии чорабинӣ маҳсуб ёфта, дар остонаи 100-солагӣ қарор дорад, ба сухан баромада, аз оромиву осудагии диёр, зиндагии фаровони халқамон шукрона гуфта, дуоҳои нек намуд. Аз номи ҷавонони фаъол донишҷӯи факултаи забони хориҷӣ ва адабиёти Донишкадаи давлатии омӯзгории Тирмиз, шоира Азиза Қосимова суханҳои самимӣ изҳор дошт ва шеъри худро дар васфи Ватан қироат кард, санъаткорони варзидаи вилоят суруду таронаҳои дилнишин сароида, табъи ҳозиринро шод намуданд. Алалхусус, иҷрои ария аз тарафи набераи ҳофизи номӣ Абдураҳим Турсунов – Садоқат Абдураимоваи 8-сола, ки дар мактаби мусиқаи рақами 2-юми Тирмизшаҳр таҳсил мекунад ва дар чанд кишвари дунё сафари ҳунарӣ намудааст, ба ҳозирин ҳисси ифтихор бедор сохт. Дар тадбир ба фахриёни меҳнат ва фидоиёни касбу кор чун рамзи эҳтиром туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

*Як китоби хуб беҳ аз як хазинаи бузург*

# АРМУҒОНИ ДӮСТОН

***Солҳои охир ба китобу китобхонӣ эътибори зиёд дода мешавад. Ба ҳамдигар туҳфа кардани ин хазинаи беназир бошад, ба ҳукми анъана даромад.***

Боре як гурӯҳ дӯстон аз ҷумҳурии ҳамсоя ба диёри мо азми сафар намуданд ва қабл аз омадан дар гурӯҳи WhatsApp навиштанд, ки бо дили соф мепурсем: «Барои Шумо ва аҳли байтатон чӣ туҳфа бо худ барем?»

– Аз роҳи дуру дароз меҳмонӣ омадани Шумо ин худ ҳадя аст, – гуфтам дар посух. – Модоме ки бо дили соф пурсидед, агар бори вазнин набошад, як-ду китоби хубу хонданӣ оваред, бас аст, – хоҳиш намудам аз онҳо.

«Айнан кадом китобҳо даркор аст?» – пурсиданд онҳо.

– Ягон намунаи беҳтарини насри муосир бошад... – гуфтам ман.

Китоби зиёд оварданд дӯстон. Ба мутолиаи онҳо пардохтаму ҳис кардам, ки вақтҳои охир аз китобхонӣ як андоза дур шудаам...

Ба наздикӣ иттифоқи касабаи идораи «Овози тоҷик» ба шаҳри бостонӣ ва ҳамеша ҷавон – Самарқанд сафари эҷодии кормандони рӯзномаро ташкил кард. Мо муҷассамаҳои бузургони сухан: Ҷаъфар Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Низомиддин Мир Алишери Навоиро зиёрат карда, ба пояи онҳо гулҳо гузоштем.

Дар Осорхонаи устод Садриддин Айнӣ аз ҳаёту эҷод ва паҳлӯҳои гуногуни зиндагии нависандаи маъруф маълумотҳои аҷибу ғариб гирифтем. Дар он ҷо янчанд нафар маърифатпарварони Самарқанд: аз нависандагони номӣ Адаш Истад, Бахтиёри Ҷумъа, ҳамчунин адибон Акбар Маҳмудов, Абдурасул Иброҳимзода, Тошқул Азимзода, Аслиддин Қамарзода, рӯзноманигорон Баҳодури Раҳмон, Собир Бурҳон, Шаҳло Аҳророва ҳузур доштанд ва аз суҳбатҳои самимии эшон баҳраманд шудем. Ба мо китобҳои «Шуълаи ҷовидон»-и Қурбоной Убайдуллоева (дар тарҷумаи Паймон), «Шаби ялдо»-и Фаридуни Фарҳодзод, «Йӯл кӯрсатувчӣ юлдуз»-и Акбар Усмонов, «Маро дарёб»-и Абдурасул Иброҳимзода, «Рубоиёт»-и Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, «Наврӯзи Аҷам»-и Нормурод Каримзода ва Акбар Маҳмудов, «Бозгашт ба зиндагӣ»-и Зоҳир Ҳасанзода, “«Чӣ бояд кард»-и Бахтиёри Ҷумъа, «Отамнинг сабоқлари» («Пандҳои падарам»)-и Баҳодур Убайдуллоҳро туҳфа доданд. Бо соядасти муаллифон туҳфа шудани ин китобҳо боиси хурсандӣ буд. Ҳамин тавр аз Самарқанди бостон бо кӯлбори китобҳо ба хона баргаштем. Ба ҷевон ин китобҳои бадеиро якяк гузошта, дар дил аҳд кардам, ки дар вақти фориғ аз кору зиндагӣ, албатта ба мутолиаи онҳо машғул хоҳам шуд. Дигарбора ин сухани ҳикматомези бузургон ба ёд мерасад, ки гуфтаанд: «Як китоби хуб беҳ аз як хазинаи бузург».

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# ГАРДЕ АЗ «ХАЗИНАИ МЕРОСӢ»

Умри одамӣ ниҳоят кӯтоҳу зудгузар аст. Дар ин бобат бузургони адабиёт бисёр панду ҳикматҳои пурарзиш ба мерос гузоштаанд, то мо қадршиноси ҳар як соату рӯзи умри худ бошем. Ҳикмати «кори имрӯзаро ба фардо нагузор» низ ба ҳамин маънист.

Мутаассифона, на ҳама коре, ки ба нақша мегирем, дар вақташ ба анҷом мерасад.

...Рӯзу моҳу солҳо пайи ҳам барқосо гузаштанду инак, банда ба ҳаштумин даҳсолаи умри худ рӯ ба рӯ мешавам. Худро баъзан чун беди лаби ҷар танҳо мебинам. Ҳама рӯз ёди ёру диёр мекунам, дил ба фарёд меояд.

Дар навори хотирот осмони наврасиамро пурабру субҳи ҷавониамро субҳи козиб мебинам. Чунки, соли 1947, ҳамон рӯзе, ки пули советӣ нав шуда буд, бе қиблагоҳ мондаам, ки се ё чаҳорсола будам...

Назар ба нақли модар (ва мушоҳидаҳои айнӣ) баъди инқилоб ибодат нораво, хондану нигаҳдории «китобҳои кӯҳна» гуноҳу муҷиби сахттарин ҷазо буд. Аз ин боис падари бузургвор бисёр китобҳои худро дар қабристон «дафн», баъзе аз онҳоро дар тобдони хонаву зери охури оғилхона пинҳон кардаанд.

Пӯшида нест, ки дар замони советӣ сиёсат сахт буд. Таъсири ҳамон мошини тарғиботӣ буд, ки ҳангоми вафоти Сталин (1953), дар митинги мотам ман ҳам гириста будам, ки: «бе доҳии замон рӯзамон чӣ мешавад?» Ҳол он ки аз ҷумлаи ҷабрдидаҳои он сиёсат будам.

Ёдам ҳаст, ки худораҳматии модарам чанд китоби арабихати қадимаро, ки баъди вайрон шудани оғил ёфтааст, ба ман дода «ин мерос аз падарат» гуфта буд.

Баъди хатми донишгоҳ (1969) барои кор ба идораи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (ҳозира «Овози тоҷик») омадам, сипас ҳамчун тарҷумон ба Афғонистон (1971) рафтам. Дар замони ҳукумати Зоҳиршоҳу Муҳаммад Довуд ва Бабрак Кормал онҷо кор кардам. Дар ин миён ду пайванди дилу дидаи ман, ки яке модари мушфиқу дигар ҳамсари меҳрубонам буданд, аз олам гузаштанд. Аз ин боис дилбастагиам ба зодгоҳ кам шуд. Ҳамон китобҳои меросӣ ҳам аз ёд рафтанд.

Аз ходимони сафорати Тоҷикистон дар Ӯзбекистон шунидам, ки муддати иқомати бе виза дар Тоҷикистон, ба ҷойи се даҳ рӯз шудааст. Ин хабари хуш маро водор кард, ки ба сафар бароям. Он рӯз гармии ҳаво дар Гулистон 42 дараҷа буд. Вақте ба Истаравшан расидам, мешунидам, ки мардум аз гармӣ шикоят доранд. Вале гармии тоқатшикани ватан бароям ҷонбахш метофт. Дар хона ба тагурӯ кардани ҳамон китобҳое пардохтам, ки соли 1985 чун мероси падарӣ аз дасти модарам гирифта, дар сандуқ ҷой карда будам, то баъди бозгашт аз сафари Афғонистон мутолиа кунам.

Дар байни «хазинаи меросӣ» чанд рисола, баёзи комил, дастнависҳои қадима, инчунин як ҷилд «Девони Амирӣ» буд, ки соли 1305 ҳиҷрӣ (1898 милодӣ) дар Тошканд чоп шудааст. Муқаддимаи девон (7 саҳифа) ӯзбекӣ бошад ҳам, ашъори тоҷикию ӯзбекии муаллифро дар бар гирифтааст. Ҷиҳати дигари ҷолиби девони Амир Умархони қӯқандӣ он аст, ки ҳам дар муқаддима ва ҳам дар шеъру ғазалиёти ӯзбекии шоир Амирӣ бо ифодаю ибораҳои рехтаи тоҷикӣ матнҳоро мисли марворид сайқал бахшидаанд. Бо услуби «ширу шакар» ба табъ расидани девони мазкур низ аҳамияти хоса дорад.

Ба туфайли ин анъанаи «ширу шакар», ки баъди Алишери Навоӣ то давраи инқилоб, дар ҳавзаҳои адабии на фақат Бухоро, балки дар доираҳои адабии давлатдориҳои Қӯқанду Хоразм низ ривоҷ дошт, корбасти ибораю ифодаҳои тоҷикӣ-форсӣ мудом барҷо буд. Дар кутуби ба ӯзбекӣ тарҷумашуда лакнате ба чашм намерасид. Барои мисол калимаи «ташриф» дар матнҳо дар мавриди сафари шоҳон, руҷҷолону бузургворон истифода мешуд. Ҳоло бошад, ин вожаи табаррук дар забон ва адабиёти ӯзбек то ҳадде бе қадру камнур шудааст, ки хабарнигор, ҳатто омадани худро ба ҳузури вазир ё сафир «ташриф» мехонад. Ба дараҷае, ки одами бадмаст ё ҷиноятгари маҳбас ҳам «ташриф» ба ҷо меоварад.

Сабаби ин ҳол дур шудани қаламкашон аз мутолиа ва омӯзиши адабиёти мумтоз аст. Даҳҳо китоби аз форсӣ ба ӯзбекӣ тарҷумашудаи пешинаро метавон мисол овард, ки дар онҳо ибораю ифодаҳои форсӣ-тоҷикӣ мисли марворид матнҳои назмию насриро ҷило бахшида, мазмуни тоҷикиро ба ӯзбекӣ дуруст ва фаҳмо ифода кардаанд. Дар «Девони Амирӣ» ҳам чунин ифодаҳои тоҷикӣ бисёр вомехӯранд. Имрӯз чӣ? Имрӯз кор ба ҷое расидааст, ки мураттиби китоб, «мунаққид»-и адабиёт метавонад ба мутарҷимаи асари тоҷикӣ хилъати муаллифӣ бипӯшонад ва ибораи маъмули «Чаҳор ёри Мустафо»-ро дар шакли «тӯртёр муставфий» тарҷума кунад. (Ин ишора ба китоби «Темурнома»-и Ҳотифист, ки бидуни ислоҳ се бор 200 ҳазор нусхагӣ чоп шуда ба табдили номи модари Амир Темур – Нигина ба «Тегина» сабаб гардидааст. Ҷавобан ба тақризе, ки дар як саҳифаи рӯзномаи «Ҳуррият» бо сарлавҳаи «Амир Темур неча хондан фотиҳа олган?» чоп карда будам, мураттиби ҳамон китоб (проф. П.Равшанов) маро ба «эронипарастӣ» «муттаҳам» карда буд. Баъди солҳо, дар як вохӯрӣ, аз ман узр хоста, иқрор ҳам шуд, ки вай шарқшинос нест, аз адабиёти классикии форсӣ баҳра нагирифтааст).

Ба ин ваҷҳ, савоб мешавад, агар гӯем, ки тиррешаи адабиёт, алалхусус адабиёти ӯзбек аз адабиёти классикии тоҷикии форсӣ об мехурад. Сабаби асосии ба «Девон»-и амир Умархон рӯ овардани мо низ ҳамин аст, зеро нафақат аҳолии Мовароуннаҳру Хуросон, балки шоҳон ва умарои минтақа ҳам нисбати адабиёти форсӣ садоқату самимият доштанд. Ба тасдиқи ин фикр чун рамзи «як халқи ба ду забон сухангӯ» ғазале аз ғазалҳои Амирӣ пешкаш мешавад:

*Ман надорам сабр,*
*он нозофарин дорад ҷафо,*
*То куҷо оид шавад,*
*ё раб маро ин муддао.*

*Наргисат аз ноз хуни*
*бегуноҳон рехта,*
*Ғамзаат дил мерабояд аз мани*
*бе дасту по.*

*То куҷо фарёду афғонам*
*ба гӯши ӯ расад,*
*Ӯ сипеҳру ман замин,*
*ӯ подшоҳу ман гадо.*

*Баски аз халқи ҷаҳон вазъи*
*мурувват рафтааст,*
*Бар сари ман захми шамшер*
*аст дасти ошно.*

*Нақши хоки пойи ӯ ҳар ҷо,*
*ки пеш ояд маро,*
*Гирам аз шавқу ба чашми хеш*
*созам тӯтиё.*

*Қомати хамгашта дорам аз*
*ғами сарви қадат,*
*Кош ин афтодаро бардорад он*
*ҷойи асо.*

*Муддате шуд орзуи сарви*
*нозат мекашам,*
*Як замоне бигзар аз нозу*
*ба сӯйи мо биё.*

*Кай расад аҷзи ниёзи мо ба*
*базми нози ӯ,*
*Хаймаи Лайлӣ баланду дасти*
*Маҷнун норасо.*

*Интизори мақдамат аз чашму*
*дил дорам Амир,*
*К-ин ду манзар ҳар ду ҷойи*
*туст, эй бадруддуҷо.*

**Маъруф ОТАХОНЗОДА,**
**Журналисти хизматнишондодаи Ӯзбекистон.**

# БАРФИНОМА

Саҳари барвақт Сарвинозро аз хоби ноз падараш бедор кард.

– Хез, ҷони падар, берун барф аст, имшаб барф боридааст.

Сарвиноз муштоқи барфи аввал буд. Бинобар ин ҳар субҳ падар духтарашро бо суханони «хез, ҷони падар, барф боридааст!» бедор мекард. Ин субҳ, дар ҳақиқат барф борида буд. Барфи аввал. Аммо Сарвиноз ба суханони падараш бовар накарда, ба дигар паҳлӯ гашту боз хоб кард. Баъд аз чанд лаҳза падар хост рост будани суханашро исбот кунад, аз ин рӯ ба рӯйи ҳавлӣ баромаду аз барф тӯбчае сохт ва ба хона даромад. Тӯбчаро ба рухсораи духтараш гузошт. Сарвиноз чашмонашро кушоду дар дасти падараш барфро дид ва гуфт:

– Ман гумон кардам, ки шумо боз маро фиреб медиҳед.

– Ӯ зуд аз ҷойгаҳаш хесту ба назди равзана давид. Аз он ҷо саҳни ҳавлӣ намудор буд. Зебоии берун чашмони ӯро бурд.

– Падарҷон, ман бояд барфинома нависам, ба ман кӯмак мекунед?

Падараш аз суханҳои духтар ба ҳайрат монда гуфт:

– Ту барфинома менависӣ?

– Ҳа, падарҷон, барфинома.

– Онро ба кӣ мебарӣ?

– Ба амакам.

– Ба амакат, – падараш табассуме кард.

Сарвиноз ба табассуми падараш аҳамият надода, аз паси қаламу коғаз шуд.

Падару духтар ба навиштани барфинома оғоз намуданд:

*Барф меборад ба фармони Худо,*
*Барфӣ аз мову зиёфат аз шумо.*
*Зарра-зарра барф меборад сафед,*
*Як зиёфат аз шумо дорем умед.*
*Сандалиро гарм созед аз алав,*
*Ширбиринҷу бо зағир оши палав.*
*Нонҳои кунҷитии қуббадор,*
*Себу ангуру мавизу ҳам анор...*

– Ана барфинома ҳам тайёр шуд, – гуфт падар. – Акнун онро ба амакат чӣ хел мебарӣ?

Сарвиноз дилпурона гуфт:

– Мебараму ба амакам медиҳам ва мегӯям, ки ба шумо мактуб омадааст.

Падар аз суханҳои духтараш завқ карду гуфт:

– Боз хиҷолат нашавӣ, духтарам.

Сарвиноз, ки аз боридани барфи аввал хеле хурсанд буд ва оқибати ин бозиро намедонист, ба суханони падар гӯш надод. Барфиномаро ба дохили лифофа андохту ба падараш гуфт:

– Ба ман барори кор хоҳед.

Модари Сарвиноз ба сухан ҳамроҳ шуд:

– Духтарам, эҳтиёт шав, боз «ба даст наафтӣ», ки шарманда шавӣ, амакатро медонӣ...

– Модарҷон, ин як ҳазли барфи аввал-дия, бояд барфи аввалро бо хурсандӣ ва ҳазлу шӯхӣ пешвоз гирем...

Ҳавлии амакаш ба ҳавлии онҳо наздик буд. Барфи нуқрагин бо шиддат меборид. Сарвиноз ба хона даромаду янгаашро дар болои ҷойнамоз дид. Амакаш дар боли кат масти хоб. Сарвиноз назди амакаш рафта, ӯро бедор кард.

– Амак, ҳой амак!

Амакаш бо оҳанги хос:

– Ҳимм, чӣ мегӯӣ? – гӯён аз як паҳлӯ ба дигар паҳлӯ гашт.

– Амак, ба шумо аз директори мактаб мактубе омадааст.

Амакаш дасташро дароз карда, мактубро гирифту ба рӯйи болин гузошт ва ҳатто чашмонашро накушода боз хоб рафт. Сарвиноз роҳи «гурезро» пеш гирифт. Вақте ба даҳлез баромад, овози янгааш баромад, ки мегуфт:

– Дадеш, хезед, ӯ ба шумо барфинома овард.

Аз ин суханҳои янгааш ба ҳаяҷон афтода, Сарвиноз ҳаракаташро тезонид. Ӯ ҳоло дар айвонча буд, ки дари даҳлези амакаш ба шаст кушода шуд. Сарвиноз як пойафзолашро пӯшиду пойафзоли дигарро напӯшида роҳи гурезро пеш гирифт. Амакаш бо пойҳои луч барфинома дар даст аз қафои Сарвиноз медавид. Аз саросемагӣ Сарвиноз лағҷиду ба замин афтид. Амакаш бо овози ҳазл:

– Ана, ба дастам афтидӣ, акнун аз худат гила кун, – гуфта буд, ки пойи ӯ ҳам лағжиду ба даруни кӯлмаки об зад. Ҳамин тавр, ғалтону хезон ҳарду дохили ҳавлии падари Сарвиноз шуданд.

Сарвиноз аз ғолибияти худ мамнун буд ва ба ҳоли амакаш механдид...

Аҷаб расми хуб аст, ин расми тоҷикӣ...

**Шукуфа ХИДИРОВА,**
**омӯзгори мактаби рақами 51-уми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.**



# ДАР БУХОРО МЕҲМОНХОНАИ «ЧОР СИТОРАДОР» КУШОДА ШУД

***Дар вилояти Бухоро боз як меҳмонхона – «RAMADA ENCORE BY WYNDHAM BUKHARA», ки тобеи шабакаи меҳмонхонаҳои байналмилалии «Wyndham Hotels & Resorts» мебошад, ба кор шурӯъ намуд.***

Меҳмонхонаи мазкури «чор ситорадор» 212 утоқи дорои ҳама гуна шароити мусоид, 450 ҷой барои меҳмонон, илова бар ин дар ошёнаи боло «Sky Lounge», клуби солимгардонӣ, толори конфронс, маркази тиҷорат, инчунин толори лоббӣ дорад.

Дар маросими ифтитоҳи ботантана ҳокими вилоят Ботир Зарипов масъулони шабака ва ҷомеаи вилоятро бо меҳмонхонаи бошукӯҳ самимона табрик гуфт. Ӯ ба ҳамаи онҳое, ки дар сохтмони он ҷонбозӣ нишон доданд, ба сармоягузорони хориҷӣ, муҳандис-конструкторон ва бинокорон миннатдорӣ изҳор кард.

Дар чорабинӣ ҷамъомадагон бо шароити меҳмонхонаи «WYNDHAM BUKHARA» аз наздик шинос шуданд.

Сохтмони се меҳмонхонаи бузург дар вилоят бо сармояи хориҷӣ ба маблағи 28 миллион доллар дар марҳалаи ниҳоӣ қарор дорад. Меҳмонхонаҳо зери тамғаҳои панҷситорадори «Hyatt Regency» ва чорситорадори WYNDHAM, ки аз ҷониби ҶММ «Metric Ventures»-и Ҳиндустон ва ширкатҳои «Wide Tent System»-и Британиё амалӣ мешаванд, бо иқтидори пурра ба фаъолият шурӯъ мекунанд.

Дар айни ҳол теъдоди меҳмонхонаҳои замонавӣ ва серталаб дар вилоят ба 200 адад наздик шудааст ва онҳо метавонанд дар як рӯз ба беш аз 60 ҳазор меҳмон хидмати босифат расонанд. Теъдоди сайёҳоне, ки имсол ба Бухоро омаданд, ба далели беҳбуди соҳа аз 4 миллион нафар гузашт ва беш аз 550 ҳазор нафари онҳоро сайёҳони хориҷӣ ташкил медиҳанд. Аз ин нуқтаи назар дар соли ҷорӣ дар вилоят аз ҳисоби сармоягузории шарикони хориҷӣ беш аз 30 меҳмонхонаҳои замонавӣ сохта, ба истифода дода шуданд.

Дар ҷамъомади видеоселектории 7 июни соли 2022 таҳти раёсати сарвари давлат, ки ба тадбирҳои таъмини шуғли аҳолӣ ва афзоиши даромади онҳо тавассути рушди хидматрасонӣ бахшида шуд, таъкид гардида буд, ки дар хидматрасонӣ ба сайёҳони хориҷӣ ва маҳаллӣ аз иншооти ҷойгиронӣ, меҳмонхонаҳои замонавӣ ва айвонҳои васеъ истифода баранд, оид ба рушди хидматгузорӣ дар онҳо таҷрибаи Бухоро дар 28 шаҳр, тамоми марказҳои ноҳия ва ноҳияҳои пойтахт ҷорӣ карда шаванд. Дар айни ҳол танҳо дар шаҳри Бухоро 28 меҳмонхона ва сақфи тарабхона шохобчаҳои хӯрокхӯрии кушод, ки метавонад 2420 нафарро қабул намояд, ташкил карда шудааст. Ба ин самти нав сайёҳони маҳалливу хориҷӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекунанд. Ба ғайр аз ин, дар тӯли соли гузашта дар шаҳри Бухоро дар сақфи 11 лоиҳа терасаи кушоди хӯроки умумӣ, ки барои 1250 хуранда пешбинӣ шудааст, ташкил карда мешавад.

Мувофиқи таҳлилҳо дар 11 моҳи соли 2022 дар шаҳри Бухоро беш аз 550 ҳазор сайёҳи хориҷӣ ва 2 миллиону 700 ҳазор сайёҳони маҳаллӣ ташриф оварданд. Муддати дар шаҳри Бухоро мондани сайёҳон ба ҳисоби миёна 3-5 рӯзро ташкил медиҳад. Харҷи якрӯзаи онҳо барои меҳмонони хориҷӣ 250 доллар ва барои меҳмонони маҳаллӣ ба ҳисоби миёна 350 ҳазор сӯмро ташкил медиҳад.

**Зариф КОМИЛОВ,**
**мухбири ЎзА.**

***Имрӯзҳо дар саросари кишварамон оид ба амалӣ намудани панҷ ташаббусе, ки аз тарафи роҳбари давлат пешниҳод шудааст, чорабиниҳо андешида мешаванд. Чанде пеш дар мактаби таълими ҳамагонии рақами 330-юми ноҳияи Янгиҳаёти шаҳри Тошканд доир ба шавқовар гузаронидани таътили зимистонаи мактаббачаҳо, инчунин аз рӯйи иҷрои панҷ ташаббус семинар баргузор гардид.***

# АЗ РӮЙИ ИҶРОИ ПАНҶ ТАШАББУС

Аз рӯйи ташаббуси якум омӯзгорони фанни мусиқӣ ва санъати мактаби номбурда Муслима Намозова ва Сабоҳат Раҳматова маҳфилҳои мусиқӣ ва санъатро ба роҳ монданд. Дар маҳфил писарону духтарони соҳибистеъдоде, ки аз овони бачагӣ ба мусиқӣ ва санъат меҳри баланд доштанд, иштирок намуданд.

Аз рӯйи ташаббуси дуюм, таҳти роҳбарии омӯзгорони фанни тарбияи ҷисмонӣ Мансурҷон Аҳроров, Фирдавс Аҳмедов, Сардор Деҳқонов мусобиқаҳои футбол, волейбол, баскетбол, тенниси рӯйи миз, шоҳмот, шашка ва гӯштин гузаронида шуд. Иштирокчиёни мусобиқа маҳораташонро сайқал доданд.

Мувофиқи ташаббуси сеюм, омӯзгори фанни информатика Муҳиддин Мухторов маҳфили омӯзиши компютериро ташкил кард, ки аъзоёни маҳфил бо шавқи баланд барои аз худ кардани технологияи компутер шурӯъ карданд.

Бо сарварии мудираи китобхонаи мактаб Мадина Ваҳҳобова бошандагони маҳалла низ узви китобхона гардиданд. Хонандагони мактаб бо шеъру ғазалҳо иштирокдоронро сарфароз гардонданд.

Омӯзгор Насиба Азимов бо дӯзандагони маҳалла маҳфили дӯзандагӣ ва пазандагиро ба роҳ монд, ки ин барои дар оянда ҷойи муносиби худро дарёфт кардани духтарбачагон нақши муҳим мебозад.

– Мо минбаъд низ дар ҳама мактабҳои таълими ҳамагонии ноҳияамон маҳфилҳоро доир ба панҷ ташаббуси Президент ташкил менамоем, — гуфт муовини мудири шуъбаи таълими халқи ноҳия Нодира Баҳодуровна.

Дар ҳақиқат, панҷ ташаббус бобати дар рӯҳи меҳнатдӯстӣ, ватанпарварӣ ва маънавияти воло тарбия намудани насли наврас саҳми босазо мегузорад.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**



*Гулкории табиии фасли сармо.* *Сурат-лавҳаи Даврон АҲМАД.*

## ХАНДОХАНДИ СОЛИНАВӢ

### Мӯяш – зард

Модар аз духтараш пурсид:

– Духтарам, чаро додмошаванда ба ту маъқул нашуд?

– Модарҷон, ӯро надидаӣ магар? Мӯяш заб-зард аст!

– Чӣ зарар дорад? Бо ту як-ду сол зиндагӣ кунад, хоҳ-нохоҳ мӯяш сап-сафед мешавад.

### Туҳфа

Зан ба шавҳараш гуфт:

– Мардакҷон, дар телевизор дидам, ки дар яке аз деҳаҳои Африқо мардҳо занҳояшонро мефурӯхтаанд. Агар мо ҳам ҳамонҷо зиндагӣ мекардем, шумо маро мефурӯхтед?

– Занакҷон, ман туро туҳфа мекардам!

### Таксӣ

Марде таксӣ нигоҳ дошт:

– Акаи ронанда, то ҳамгашти кӯчаи Рӯдакӣ чанд пул мешавад?

– 15 ҳазор сӯм.

– Барои бурдани сумкаҳоям чанд пул мегиред?

– Сумкаҳоятонро бепул мебарам.

– Ин хел бошад, шумо сумкаҳоямро баред, ман худам бо автобус меравам.

### Чашми нишонзан

Аз Афандӣ пурсиданд:

– Чаро нишонзан як чашмашро пӯшида, баъд ба нишон мегирад?

Гуфт:

– Охир чашми дигарашро ҳам пӯшад, ҳеҷ чизро намебинад.

### Хабари хуш

Суҳбати ҷарроҳ бо бемор:

Баъди ба ҳуш омадани бемор духтур аз ӯ пурсид:

– Дӯстам, ду хабар дорам, аз кадомаш сар кунам, аз хушаш ё нохушаш?

– Беҳтараш аз нохушаш.

– Бубахшед, мо иштибоҳан ба ҷойи пойи солиматон пойи сиҳати шуморо буридем.

– Хабари хушаш-чӣ?

– Пойи дардманди шуморо метавон табобат кард.

### Тасаллӣ

Пеш аз ҷарроҳӣ духтур ба бемор гуфт:

– Натарсед, ин шонздаҳум ҷарроҳии ман аст. Наход, ин дафъа низ аз уҳдааш набароям...

### Кулчадору ҳайф нашавад

– Духтурҷон, шавҳарам нофаҳмида «Нурофен» хӯрдааст, чӣ кор кунам?

– Дар хона проблема доред?

– Албатта. Кӯдакон либоси зимистона надоранд, аз мактаб ҳам қарздорем, яхдон низ холӣ аст.

– Шуд, фаҳмо. Расо 45 дақиқа дар ҳамин бора гап занед, сари шавҳаратон, ки ба дард даромад, дору ҳайф намешавад.

### Тухми килоӣ

Марде писарашро ба мағоза барои тухмхарӣ фиристод. Писарак дар роҳ халтаро афтонду тухмҳо шикастанд.

Дар хона ба падараш гуфт:

– Падарҷон, дар мағоза тухми донагӣ набудааст, тухми килоӣ овардам.

Таҳияи **Далер АЗИЗОВ.**

**ТАҚДИМОТИ КИТОБ**

# «АЗ ИШҚИ ТУ ТО ИШҚИ ҲАҚ»

**Чунин ном дорад асари тозанашри шоири ширинкалому хушбаёни тоҷик Хоҷа (Норхоҷа Чориев), ки имрӯзҳо 50-солагии зодрӯзи хешро қайд мекунад.**



Бо ҳамин муносибат дар Маркази ахбор-китобхонаи ба номи Пушкини шаҳри Самарқанд тақдимоти баёзи мазкур баргузор гардид. Дар чорабинӣ мухлисони шеърият, адибу нависандагони ҳавзаи Зарафшон, талабагони бахши тоҷикии Донишгоҳи давлатии Самарқанд, навқаламону хонандагони синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии тоҷикӣ ширкат варзиданд.

Муҳаррири рӯзномаи «Овози Самарқанд» Баҳодури Раҳмон ба тадбир ҳусни ифтитоҳ бахшида, риштаи суханро ба доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон Аъзамҷон Азизӣ, ки ба ин маҳфил даъват шудаанд, дод. Нотиқ қайд намуд, ки замини муқаддаси Самарқанд шоирхез аст ва дар ин ҷо бисёр шоирон ба камол расидаанд. Яке аз онҳо шоир Хоҷа мебошад, ки китоби тозанашри ӯ «Аз ишқи ту то ишқи Ҳақ» ба ман писанд омад.

Инчунин эҷодкорон Нормурод Каримзода, Дилшодаи Фарҳодзод, адиби номдор Адаш Истад, раиси иттифоқи нависандагони вилояти Самарқанд Тошпулод Тугалов ва дигарон ба минбар баромада, дар бораи шоир ва асари наваш мубодилаи афкор намуданд.

– Нахустин маҷмӯаи камина «Паёме аз жарфҳои сукут» ном дошт, – гуфт соҳибҷашн ва имрӯз боз як китоби нав интишор ёфт, ки ба назарам сарҳисоб аст. Мақсадам ба давру замон ва муҳимаш, мухлисони шеърият писанди он аст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

***Инак, боз як соли нав аз ҳаёти мо сипарӣ шуд. Албатта, бе ҳеҷ муболиға гуфта метавонем, ки дар ҳаёти мардуми мо соли сипаришуда чун соли нек арзёбӣ мегардад. Навгониҳои зиёде дар ҳаёти кишвар рух дод.***

# ШОДИИ НАВРАСОН АЗ “ТУҲФАИ ПРЕЗИДЕНТ”

Дар замоне, ки сайёраи Замин воқеаҳои пуртаҳлукаро пушти сар менамояд, шукронаҳо мегӯем, ки дар Ӯзбекистони мо оромиву осудагӣ ҳукмфармост ва мардум зиндагии ободу фаровон паси сар менамоянд.

Ҳоло дар сар то сари кишвар дар гирди арчаи солинавӣ тантанаҳои идона давом дорад.

Чун анъана ҳар сол дар ҷойҳо “Арчаи Президент” ташкил мегардаду “Туҳфаи Президент” ба соҳибонаш тантанавор супорида мешавад. Аз ҷумла, дар шаҳру навоҳии вилояти Сурхондарё низ дар тадбирҳои баргузоршавандаи “Арчаи Президент” «Туҳфаи Президент» тантанавор супорида шуд. Туҳфаҳо ба 680 нафар наврасони аз 3 то 15-солаи тарбиятгирандагони хонаҳои бачагонаи оилавӣ, ба писару духтароне, ки падарашон баҳри ҳимояи Ватан ҷон бохтаанд, инчунин, фарзандони ходимони ҳуқуқу тартибот ва ба тарбиятгирандагони хонаи “Мурувват”-и ноҳияи Қумқӯрғон дода шуд.

Дар таркиби “Туҳфаи Президент” табрики солинавии Президент, намуди зиёди шириниҳо, асбобҳои хониш, китоби электронӣ, термос ва шоҳмот мавҷуд аст. Аз гирифтани “Туҳфаи Президент” шодиву хурсандии наврасон ҳадду канор надошт.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори “Овози тоҷик” дар вилояти Сурхондарё.**


Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-125. Адади нашр 353 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тӯхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 23.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.